Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.)

## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

**Оид ба мутобиқати мазмуни диссертатсия ба номи мавзӯъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.** Мазмуни диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб ба номи мавзӯъ ва ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, № 07 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**Шумора ва мутобиқати интишороти натиҷаҳои асосии таҳқиқоти унвонҷӯй ба талаботҳои амалкунанда**. Унвонҷӯй муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни шартномаи хариду фурӯши чакана бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои такризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 2, 6 ҷ. ч. мебошанд.

Шумораи асарҳои интишоргардида эътимоднок буда, аз мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бармеоянд, яъне мутобиқ ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, мебошад.

Дар таҳқиқоти мазкур истифодаи андеша ва маводҳои дигар (асардуздӣ), бе овардани иқтибос ба манбаъ ошкор карда нашуд.

Ҳамаи маводҳои истифодашуда иқтибос доранд ва ба руйхати адабиёти исттифодашуда ворид гардидаанд, ки далели риояи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

Аз ҷониби унвонҷӯй қоидаҳои имлои забони давлатӣ ва одоби илмӣ риоя шудаанд.

**Саҳми унвонҷӯй дар таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танзими шартномаи хариду фурӯши чакана падидаи нав буда, то истиқлолияти давлатиро ба даст овардан, ин муносибатҳо асосан хусусияти ҳуқуқи маъмурӣ дошта, тавассути санадҳои меъёрии он, танзим мешуданд.

Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ, шартномаи хариду фурӯши чакана мустақиман бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида танзим шуданд, аммо меъёри алоҳидаи танзими ин шартнома дар қонунгузории кишвар ҷой надошт.

Бори аввал аз ҷониби Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб шартномаи хариду фурӯши чакана, пас аз қабул шудани қисми 2 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) аз 11 декабри соли 1999, таҳти № 884, мавриди таҳқиқи илмӣ гардид. Ин аввалин қадам дар самти таҳқиқи ҳуқуқи хусусии ин шартнома мебошад. Зеро то ин вақт мафҳуми расмии ин шартнома ва меъёрҳои алоҳидае, ки шартномаи мазкурро танзим менамоянд, дар сатҳи зарурӣ амал намекарданд, норавшанӣ ва маҳдудият дар танзими ин шартнома ҷой доштанд. Бо қабул шудани қисми 2 КГ ҶТ ин мушкилот аз байн рафт, ин шартнома ҳамчун як намуди мустақили шартномаи ҳуқуқи маданӣ эътироф карда шуд. Аммо таҳлили зербоби дуюм боби 29 КГ ҶТ, ки шартномаи хариду фурӯши чаканаро танзим мекунад, нишон медиҳад, ки баъзе камбудиҳо дар

меъёрҳои алоҳидаи он дида мешаванд, ки онҳо пас аз қабули Кодекси мадании ҶТ бартараф карда шуданд.

Унвонҷӯй ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мустақилона ибрози ақида намуда, назарияи илмии худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Ҷиҳати назариявии ин дониш дар он аст, ки довталаб аз соли 2014 то инҷониб ба таҳқиқи мавзӯи шартномаи хариду фуруши чакана машғул буда, дар семинарҳои илмии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо гузоришҳои илмӣ баромад кардааст.

Аз фанни «Ҳуқуқи маданӣ» ба донишҷӯёни факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарсҳои лексионӣ мехонад ва машғулиятҳои амалӣ мегузаронад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии рисола, нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокгашта, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур нахустин пажуҳиши боэътимоди илмӣ дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ҳисоб меравад.

Дар рафти таҳқиқот муаллиф масъалаҳоеро баррасӣ кардааст, ки дар ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ доранд. Мафҳум, аломатҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи шартномаи хариду фурӯши чаканаро дар таносуби мантиқан муносиб муайян кардааст.

Унвонҷӯй асосҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чаканаро мавриди омӯзиш қарор додааст, баъзе мушкилоти онро ошкор намуда, оид ба такмили он пешниҳодҳои судманд изҳор намудааст.

Унсурҳои муҳими шартномаи хариду фурӯши чакана ба монанди тарафҳо, мавзӯъ, мазмуни шартномаи ва тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши чакана мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар шакли ҷуброни зиён, зарари маънавӣ ва руёнидани ноустуворона мавриди таҳлил ва хулосаи илмӣ қарор дода шудааст.

Вай дуруст қайд мекунад, ки механизми ҳифзи ҳуқуқӣ танҳо дар нисбати фурӯшанда ва ё харидоре татбиқ мешавад, ки тибқи қонун манфиатдор мебошад.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дониши бавуҷуд омада, манбаи назариявӣ ва амалии барои омӯзиши шартномаи хариду фурӯши чакана буда, бо дарназардошти қонунгузории ҶТ дар ин соҳа, назару мавқеи олимон ва риояи одоби илмӣ, баён гардидаанд.

Натиҷаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба вуҷуд омада, донишу фаҳмиши назариявиро оид ба ҳуқуқи маданӣ, махсусан ҳуқуқи шартномавӣ ва ҳуқуқи уҳдадорӣ васеъ мекунад ва имконият медиҳад, ки масъалаҳои нави ба муаммоҳои шартномаи хариду фурӯши чакана алоқаманд, ҳал карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар асоси ҳолатҳои дар боло зикршуда, андеша дорам, ки диссертатсия дар мавзӯи «Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30. 06 соли 2021, № 267, тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад ва муаллифи он Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб арзандаи дараҷаи илмии дар боло зикршуда, мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,

мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаюрзода Ш.К.

Ихтисоси илмии роҳбари илмӣ: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

**Суроғаи ҳуқуқӣ**: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: + 992 93 510 38 62.
E – mail: shukrullo67@mail.ru
Имзои Ғаюрзода Ш. К. – ро “тасдиқ мекунам”
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

“20” марти соли 2025.